НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти ҷовидонӣ ёбад.

Юҳанно 3:16

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

Ҳар кӣ ба Ӯ *(яъне Писари ягонаи Худо)* имон оварад, маҳкум намешавад, лекин ҳар кӣ имон наоварад, аллакай маҳкум шудааст, чунки ба исми Писари ягонаи Худо имон наовардааст.

Юҳанно 3:18

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

Исо гуфт: “Ман роҳ ва ростӣ ва ҳаёт ҳастам; касе наметавонад назди Падар ояд, магар ин ки ба василаи Ман.

Юҳанно 14:6

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

Чунки ҳама гуноҳ карда, аз ҷалоли Худо маҳрум шудаанд ва ройгон, бо файзи Ӯ, ба воситаи кафорате ки дар Исои Масеҳ аст, сафед карда мешаванд.

Ба Румиён 3:23, 24

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

Лекин Худо муҳаббати Худро нисбат ба мо ҳамин исбот мекунад, ки ҳангоме ки ҳанӯз гуноҳкор будем, Масеҳ барои мо мурд.

Ба Румиён 5:8

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

Зеро ки музди гуноҳ мамот аст, аммо бахшоиши файзи Худо ҳаёти ҷовидонист ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ.

Ба Румиён 6:23

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

Дар ҳеҷ каси дигар наҷот нест, ва дар зери осмон ҳеҷ исми дигаре ба одамон ато нашудааст, то ки ба василаи он *(яъне исми Исои Масеҳ)* наҷот ёбем.

Аъмол 4:12

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

Ва ин шаҳодат аз он иборат аст, ки Худо ба мо ҳаёти ҷовидонӣ ато намудааст, ва ин ҳаёт дар Писари Ӯст. Касе ки Писарро дорад, ҳаёт дорад, касе ки Писари Худоро надорад, ҳаёт надорад.

(1) Юҳанно 5:11, 12

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

Пас, туро ба ҳузури Худо ва Исои Масеҳи Худованд, ки зиндагон ва мурдагон доварӣ хоҳад кард, ва ба зуҳури Ӯ ва ба Малакути Ӯ қасам медиҳам, ки каломро мавъиза кунӣ ва дар вақти муносиб ё номуносиб омода бошӣ, бо тамоми пурсабрӣ омӯзгорӣ ва мазаммат, манъ ва насиҳат кунӣ.

(2) Тимотиюс 4:1, 2

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

Зеро агар ту бо даҳони худ эътироф кунӣ, ки Исо Худованд аст, ва бо дили худ имон оварӣ, ки Худо Ӯро аз мурдагон эҳъё кард, наҷот хоҳӣ ёфт; чунки одам бо дили худ имон меоварад, ки ин барои адолати ӯст, ва бо даҳони худ эътироф мекунад, ки ин барои наҷоти ӯст.

Ба Румиён 10:9, 10

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

Зеро ки шумо бо файз ба воситаи имон наҷот ёфтаед, ва ин на аз шумост, балки атои Худост, ва аз аъмол нест, то ки ҳеҷ кас фахр накунад.

Эфсӯсиён 2:8, 9

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

Ва чунон ки одамонро насиб гардидааст, ки як бор бимиранд ва пас аз он ба доварӣ дучор шаванд, ончунон Масеҳ низ як бор Худро барои бардоштани гуноҳҳои бисёр касон қурбонӣ намуда, бори дуюм на аз барои татҳири гуноҳ зоҳир хоҳад шуд, балки барои онҳое ки Ӯро интизор доранд, то наҷот ёбанд.

Ба Ибриён 9:27, 28

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

Яъне Масеҳ, мувофиқи Навиштаҳо, барои гуноҳҳои мо мурд, ва Ӯ дафн карда шуд, ва мувофиқи Навиштаҳо дар рӯзи сеюм эҳъё шуд, ва ба Кифо ва баъд ба он дувоздаҳ нафар зоҳир шуд; пас аз он ба зиёда аз панҷсад нафар бародарон дар як вақт зоҳир шуд.

(1) Ба Қӯринтиён 15: 3-5

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

Чунки Худо дар Масеҳ буда, аҳли ҷаҳонро бо Худ мусолиҳа дод, ҷиноятҳои онҳоро ба ҳисобашон надаровард… Мо аз тарафи Масеҳ илтимос мекунем: бо Худо мусолиҳа намоед. Зеро Ӯро, ки аз гуноҳ беҳабар буд, барои мо қурбони гуноҳ сохт, то ки мо дар Ӯ адолати Худо шавем.

(2) Қӯринтиён 5:19-21

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Шогирд Сохтан*

Исо гуфт: “Ба Ман тамоми кудрат дар осмон ва бар замин дода шудааст: Пас, биравед ва ҳамаи ҳалқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба исми Падар ва Писар ва Рӯҳулқудс таъмид диҳед, ва онҳоро таълим диҳед, то ҳар он чиро, ки ба шумо фармудам, ба ҷо оваранд; ва инак, Ман ҳаррӯза то охирзамон бо шумо ҳастам.”

Матто 28:18-20

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

Ва чӣ гуна онҳо бихонанд Онро, ки ба Ӯ имон наовардаанд? Чӣ гуна онҳо имон оваранд ба Он ки дар бораи Ӯ чизе нашунидаанд? Чӣ гуна онҳо бидуни воизон чизе бишнаванд? Ва чӣ гуна ба онҳо воизон мавъиза кунанд бе он ки фиристода шаванд? Чунон ки навишта шудааст: “Чӣ гуна зебост пойҳои онҳое ки аз сулҳу осоиштагӣ башорат медиҳанд, аз некӣ башорат медиҳанд!”

Ба Румиён 10:14, 15

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

Ž

Вазъият одамизод ба назари Худо чист?

Ба Румиён 3:23, 24

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

‘

Касе метавонад ба Худои Падар ояд ба ғайр аз Исо ва барои чӣ наметавонад?

Юҳанно 14:6

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

•

Чӣ мешавад агар касе ба Ӯ имон наоварад?

Юҳанно 3:18

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

Œ

Худо Киро ба дунё фиристод ва барои чӣ Ӯро фиристод?

Юҳанно 3:16

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

“

Чӣ мешавад ба касе ки Писарро дорад ё надорад?

(1) Юҳанно 5:11, 12

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

’

Ба ғайр аз Исми Он исми дигаре ҳаст, ки ба одамон ато шудааст?

Аъмол 4:12

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

•

Музди гуноҳ ва бахшоиши файзи Худо чӣ ҳастанд?

Ба Румиён 6:23

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

•

Ҳангоме ки ҳанӯз гуноҳкор будем, Худо ба мо чӣ исбот мекунад?

Ба Румиён 5:8

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

ŒŒ

Одамонро чӣ насиб гардидааст?

Ба Ибриён 9:27, 28

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

Œ ‹

Шумо бо чӣ ба воситаи чӣ наҷот ёфтаед?

Эфсӯсиён 2:8, 9

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

”

Вақте ки Исоро қабул мекунед, шумо бо даҳони ва дили худ чӣ кор мекунед?

Ба Румиён 10:9, 10

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

Œ Ž

Шумо бояд дар вақти муносиб ё номуносиб чӣ мекунед?

(2) Тимотиюс 4:1, 2

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

Œ •

Чӣ гуна одамон Исоро би хонанд ва бишунаванд?

Ба Румиён 10:14, 15

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

Œ ‘

Пеш аз ба осмон сууд кард, Исо ба мо чӣ фармондааст?

Матто 28:18-20

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Шогирд Сохтан*

Œ •

Барои чӣ шумо бояд бо Худо мусолиҳа намоед?

(2) Қӯринтиён 5:19-21

НАШЪУНАМО ЁФТАНИ ҲАЁТИ МАСЕҲӢ

*Башорат Додан*

Œ •

Мувофиқи Навистаҳо дар бораи Масеҳ чӣ навистааанд?

(1) Ба Қӯринтиён 15: 3-5